**ТАҚРИЗИ**

муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ, пешниҳод шудааст

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.* Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ пешниҳод гардидааст, ба бандҳои зерини ихтисоси болозикр мувофиқат мекунад: банди 1. Психологияи хонандагон дар зинаҳои гуногуни таҳсилот (томактабӣ, мактабӣ, донишгоҳӣ), рушди шахсӣ ва психологии он; банди 6. Психологияи фаъолияти омӯзгорӣ, қонунҳои психологӣ, омилҳо ва шароитҳои барқароршавию рушди он, хусусиятҳои касбӣ-психологии омӯзгорон (қобилият, салоҳият, тарз). Психологияи назорати омӯзгорӣ (ташхиси психологии омӯзгорӣ); бБанди 7. Шароитҳои психологии самаранокии таъсиррасонии педагогӣ; банди 8. Раванди таълим ҳамчун ягонагии таълим ва тарбия. Қонуниятҳо, механизмҳо, хусусиятҳо ва шароитҳои психологии самаранокии раванди тарбия.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Рисолаи унвонҷӯй Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна ба мавзуи барои ҷомеаи кунунии Тоҷикистон мубраму ҳалталаб – роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Пӯшида нест, ки оила – ин хишти аввалинест дар иморати давлату кишвар ва устувориву оромии оила бевосита ба утсувориву оромии кишвар таъсир мерасонад. Ин аст ки омода намудани насли наврас ба ҳаёти оилавӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои мусоидаткунанда ба устувориву оромии оила аз масъалаҳои доғи рӯз маҳсуб меёбанд. Бо дарназардошти ин, гузаронидани таҳқиқот дар ин самт, коркарди барномаҳо ва амсилаҳои роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаҳои ҷавон, ҳамроҳии психологӣ-иҷтимоии онҳо дар марҳилаҳои аввали ҳаёти оилавӣ ва дар ин зимн мусоидат намудан ба устуворӣ ва хушбахтии оилаҳои ҷавон аз масъалаҳои мубрамест, ки назди психологияи педагогӣ меистад.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:* Муаллифи рисола бо дарназардошти асосҳои методологӣ-бунёдӣ ва аҳамияти амалии тахқиқот, баррасии кулли масоили пайванди мавзуи интихобшударо мавриди ҳаллу фасли ҷиддӣ карор додааст. Аз нигоҳи муаллиф, масъалаи роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми назария ва амалияи психологияи педагогӣ маҳсуб меёбад. Воқеан, роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касби кафили устувории он ва баланд гардидани самаранокӣ ва сифати таҳсилоти донишҷӯён мегардад. Аз ин нуқтаи назар таҳияи амсила ва барномаи роҳнамоӣ ва татбиқи он дар амалия бешак муҳим буда, ба солимгардии оилаҳои ҷавон ва баланд гардидани сатҳу сифати таҳсилот дар умум мусоидат хоҳад намуд.

Ба андешаи унвонҷӯй ташкили муҳити солими иҷтимоӣ ва психологӣ тавассути риояи дастуру қоидаҳо ва муқаррароти мавҷуда, амалӣ карда мешавад ва ташкили оилаи солим барои ҷавонони донишҷӯ низ ба он вобаста аст. Роҳнамоӣ ва ҳамроҳинамойии психологӣ-педагогии оилаҳои ҷавон бошад, шарти муҳимми ташкили муҳити солими иҷтимоӣ ва психологӣ маҳсуб мегардад.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:* Навгонии муҳимме, ки унвонҷӯй дар таҳқиқоти худ ба он ноил гардидааст – ин таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани механизми рушди муносибатҳои оилавии донишҷӯён дар муҳити донишгоҳӣ мебошад. Ҳамзамон дар таҳқиқоти мазкур  шаклҳо ва самтҳои самарабахши ёрии психологӣ-педагогӣ ба оилаҳои донишҷӯён, аз ҷумла кори маҳфили оилавӣ, ки ба ташхис, машварат, тарбия ва рушди муносибатҳои оилавӣ нигаронида шудааст, аз ҷиҳати илмӣ муайян ва асоснок гардиданд. Дар баробари тавассути корҳои санҷишию озмоишӣ самаранокии механизми таҳияшудаи роҳнамоии психологӣ-педагогӣ тавассути гузаронидани дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон тасдиқ гардида, аз натиҷаҳои он хулосаҳои амалӣ ва тавсияҳои методӣ бароварда шудаанд, ки бешак қобили дастгирист.

Унвонҷӯй нуктаҳои зеринро барои дифо пешниҳод менамояд:

- баъзе хусусиятҳои хоси муносибатҳои оилавии донишҷӯён ва мушкилоти онҳо дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст;

- механизми роҳнамоии психологӣ-педагогӣ барои рушди муносибатҳои оилавии донишҷӯён дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳамкории самараноки воҳидҳои сохторӣ, аз ҷумла маъмурият, хобгоҳҳо, марказҳои психологӣ-педагогӣ ва созмонҳои донишҷӯӣ ва роҳҳои бартарафсозии мушкилоти психологӣ дар муносибатҳои оилавӣ;

- шаклҳо, самтҳо ва технологияи самараноки ёрии психологӣ-педагогӣ, ки рушди муносибатҳои оилавии донишҷӯёнро таъмин карда, кори маҳфилҳои оилавӣ, ки он ба ташхис, машварат, тарбияи ҳамсарони донишҷӯ, ташкили чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, варзишӣ ба ташхис, машварат, тарбияи ҳамсарони донишҷӯ, ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва варзишӣ нигаронида шудааст, ҷоннок менамояд;

- самаранокии амсилаи таҳияшудаи роҳнамоии психологӣ-педагогӣ ҷиҳати рушди муносибатҳои оилавии донишҷӯён бо нишон додани сохторҳои асосии муассисавӣ (маъмурӣ, ҷамъиятӣ ва ихтиёриён), хусусиятҳои асосии робитаи байни онҳо ва шартҳои зарурии татбиқи бомуваффақият дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Нуктаҳои мазкур аз он далолат мекунанд, ки унвонҷӯй дар самти таҳлили назариявии масъалаи мавриди назар ва татбиқи барномаву амсилаи роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаҳои донишҷӯён кори бузургеро анҷом додааст.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:* Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар раванди озмоиши психологӣ-педагогӣ маҳсулнокии амсила ва барномаи роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаҳои донишҷӯён асоснок гардидааст. Ҳамзамон аҳамияти илмиву амалии таҳқиқот бо омӯзишу таҳкими анъанаҳои оилавӣ дар тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, бо истифодаи таҷрибаи пешқадами оилаи тоҷик дар тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, бо пешниҳод кардани фарзияҳо, тавсияҳои илмии барои тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар асоси анъана ва урфу одатҳои оилавӣ муайян карда мешавад. Натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби падару модарон, мураббиён, омӯзгорон, донишҷӯён, кумитаҳои кор бо ҷавонон, инчунин дар навиштани корҳои илмӣ, дипломӣ, реферат ва корҳои курсӣ истифода шаванд. Дар баробари ин, хулосаҳои бадастомадаро метавон дар донишомӯзии хонандагони мактабҳои миёна, литсейҳо, коллеҷу донишгоӣ, дар донишомӯзии падару модарон оид ба масъалаҳои тайёр намудани фарзандон ба ҳаёти оилавӣ, дар донишкадаҳои такмили ихтисос, донишҷӯён, аспирантон ва дигар кормандони илм, ки ба ин мавзуъ эҳтиёҷ доранд, истифода бурд.

Боби аввали диссертатсия тахти унвони «Асосҳои назариявӣ ва методологии муаммоҳои роҳнамоии педагогӣ-психологии оилаи донишҷӯён» бештар хусусияти назариявӣ дошта, ба таҳлилу баррасии таҳқиқоти илмии марбути мавзӯи таҳқиқотӣ бахшида шудааст.

Зимни таҳлилу баррасии адабиёти марбута унвонҷӯй фаъолияти таълимии донишҷӯёнро ба ду ҷанба ҷудо мекунад: ҷанба ва хусусияти маҳдуди фаъолияти таълимӣ, ки дар худ кӯшиши соҳиб шудан ба баҳои мусбати таълимӣ ба назар мерасад ва мутолиаи адабиёти асосӣ, доштани конспектҳои хуб ва амсоли инҳо. Вобаста ба ин, фаъолиятҳои таълимиро ба чунин намудҳо ҷудо мекунанд: фаъолияти аудитории донишҷӯ ва фаъолияти берун аз аудитории донишҷӯ. Фаъолияти донишҷӯии оилаҳои ҷавони донишҷӯёнро шартан ба чунин типҳо ҷудо мекунанд: типи мутаносиб, типи донишҷӯйи касбӣ, типи академик,типи ҷамоатчӣ, типи дӯстдори санъат, типи серғайрат, типи миёнаҳол, типи ноумед, типи танбал, типи эҷодкор, типи бесарусомон. Ҳар як донишҷӯ дар навбати худ нақшҳои муайянеро иҷро мекунад, ба монанди: нақши академӣ, нақши иҷтимоӣ, нақши иҷтимоӣ, нақши оилавӣ, нақши рафиқона, корманди касбӣ ва ғайра. Муҳаққиқон вобаста ба қобилияти эҷодии донишҷӯён онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардаанд: гурӯҳи мусбати иҷтимоӣ, гурӯҳи бетараф, гурӯҳи ғайриҷтимоӣ.

Дар боби мазкур мафҳумҳои асосии дар таҳқиққот истифодашуда муайян карда шуда, принсипҳои психологӣ ва шароитҳои психологӣ-педагогии мусоидаткунанда ба устувории оилаҳои ҷавон асоснок карда шудаанд. Маводи мазкур дар навбати худ ҳамчун заминаи назариявӣ-методологӣ барои таҳияи амсила ва барномаи роҳнамоӣ хизмат мекунанд.

Боби дуюми диссертатсия, ки «Таҳқиқи эмпирикии муайян кардани моҳият ва зарурияти дастгириҳои психологию педагогӣ ба оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаи таълимӣ» номгузорӣ шудааст,

бевосита ба тавсифи амсила ва барномаи роҳнамойии психологӣ-педагогӣ, таҳқиқи самаранокии истифодаи онҳо бахшида шудааст.

Баррасӣ ва таҳияи барномаи дастгириҳои психологию педагогӣ ва иҷтимоии аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ пешбинигардида, ки дар худ мақсад ва вазифаҳову самтҳои асосии татбиқи онро инъикос мекунад, масъалаи меҳвариро ташкил медиҳад. Мақсади асосии дастгирии психологию педагогӣ фароҳам овардани шароити муосиди психологию педагогӣ ва ҳамзамон, шароити иҷтимоӣ барои оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мебошад. Ёрии психологӣ ин дастгирии касбӣ аст, ки аз ҷониби мутахассис барои ҳалли мушкилотҳои психикӣ, эмотсионалӣ ва рафторӣ расонида мешавад. Ёрии мазкур метавонад ҷанбаи ташхиснамоӣ, табобатӣ ва машваратиро фаро гирифта бошад. Намудҳои гуногуни дастгирии психологӣ аз ҷониби унвонҷӯй тавсиф гардидааст, ки дастгирии эмотсионалӣ, дастгирии амалӣ, дастгирии таълимӣ аз ҷумлаи онҳоянд. Дастрасӣ ба ин хизматрасониҳо, агар дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ муҳайё гашта бошад, барои беҳтар намудани сифати зиндагӣ, рушд додани шахсияти комил ва устувор нигоҳ доштани оилаҳои солим мусоидат хоҳад намуд.

Натиҷаҳои бадастомада аз самарабахш будани амсила ва барномаи таҳиянамудаи унвонҷӯй дар самти роҳнамойии психологӣ-педагогии донишҷӯён гувоҳӣ медиҳанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ба андешаи мо, диссертатсияи Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» таҳқиқоти мукаммал ва анҷомёфта дар соҳаи илми психологияи педагогӣ мебошад.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:* Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Донишгоҳи

давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ баргузоршуда ироа ва баррасӣ шуда, дар нашрияҳои илмӣ дар шакли дар 17 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст, инъикос ёфтаанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:* Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода мекунад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва тасвирҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:*

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар рисола методикаҳои таҳқиқотии психологӣ оварда шудаанд ва муфассал тавсиф гаштаанд, вале дар матни он натиҷаи истифодабарии ин медодикаҳо ва маълумоти таҳқиқотии аз натиҷаи истифодаи онҳо бадастомада дида намешаванд. Мувофиқи талаботи

тахкикоти психологӣ-педагогӣ унвончуй бояд пеш аз татбики амсила ва барномаи ташаккулдиҳанда методикаҳои мазкурро мегузаронид ва сипас бори дигар дар раванди озмоиши санчишӣ, яъне пас аз татбики амсила ва барномаи ташхисӣ бори дигар методикаҳои мазкурро гузаронида, оид ба самаранокии истифодаи амсилаи ва барномаи таҳиянамудааш хулосаҳои дакик ва илмӣ мебаровард.

2. Хуб мебуд, агар ҳангоми таҳлили натичаҳои бадастомада аз методҳои таҳлили омории маълумоти тахкикотӣ истифода мегардид. Ин эътимоднокии натичаҳои бадастомадаро ба маротиб баландтар мегардонид.

3. Дар матни диссертатсия баъзе хатоҳои грамматикӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки бартараф намудани онҳо мувофиқи мақсад мебуд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Абдуллоева Меҳринисо Менгуловнаро дар микёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Дар ҳаллу фасли вазифаи мавриди назар, диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф аз адабиёти илмии мавчуда дар самти тадкикоти мазкур огоҳии комил ва ҳамачониба дошта, таҳқиқи масъалаи гузошташударо ба таври бояду шояд анчом додааст.

## ХУЛОСАИ ЧАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна кори ба итмомрасидаи илмӣ-тахкикотӣ буда, аз чониби муаллиф мустакилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ ичро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил гардида, вазифаҳои илмии тахкиҳотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдики худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишчӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Точикистон», ки барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ, пешниход шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 17.00.09 – Психологияи педагогӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои психологӣ,
инструктори Ҷамъияти дорои масъулияти
маҳдуди "Менеҷменти технологӣ" Абдураҳмонов Гулрӯз Нурмаҳмадович

18.07.2025

**Маълумот барои тамос:** Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Айни 13, E-mail: atm.fr.tj@gmail.com.

"Имзои Абдураҳмонов Гулрӯз Нурмаҳмадовичро тасдиқ менамоям".

Нозири шуъбаи кадрҳои ҶДММ
"Менеҷменти технологӣ" Мусоев А.

18.07.2025